# 21930 - Баъзе дуоҳои Қуръонӣ

## савол

Дуоҳои паёмбарон, расулон ва солеҳон, ки дар Қуръон омадааст, кадомҳоянд? Оё дуо намудан бо он дуоҳо сабаби иҷобат аст?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ин аст теъдоде аз дуоҳое, ки дар Қуръони карим омадааст. Умед аст, ки дуо намудан бо ин дуоҳо иҷобат хоҳад шуд, ба шарте ки шартҳову одобҳои дуо риоя шавад. Лутфан ба саволи рақами (5113) ва (41017) руҷӯъ кунед.

رَبَّنَا تَقَبَّلْ مِنَّا إِنَّكَ أَنْتَ السَّمِيعُ الْعَلِيمُ

سورة البقرة: ١٢٧

**«Эй Парвардигори мо! Аз мо бипазир, ҳамоно Ту шунавои доноӣ».** (Сураи Бақара: 127).

وَتُبْ عَلَيْنَا إِنَّكَ أَنْتَ التَّوَّابُ الرَّحِيمُ

سورة البقرة: ١٢٨

**«Ва тавбаи моро бипазир, ҳамоно Ту тавбапазири меҳрубонӣ».** (Сураи Бақара: 128).

رَبَّنَا آتِنَا فِي الدُّنْيَا حَسَنَةً وَفِي الآخِرَةِ حَسَنَةً وَقِنَا عَذَابَ النَّارِ

سورة البقرة: ٢٠١

**«Эй Парвардигори мо! Дар дунё ба мо некӣ ато фармо ва дар охират низ некӣ бидеҳ ва моро аз азоби дӯзах нигаҳ дор».** (Сураи Бақара: 201).

رَبَّنَا أَفْرِغْ عَلَيْنَا صَبْراً وَثَبِّتْ أَقْدَامَنَا وَانصُرْنَا عَلَى الْقَوْمِ الْكَافِرِينَ

سورة البقرة: ٢٥٠

**«Эй Парвардигори мо! Бар мо сабру шикебоӣ фурӯ рез ва қадамҳоямонро устувор бидор ва моро бар гурӯҳи кофирон пирӯз гардон».** (Сураи Бақара: 250).

رَبَّنَا لا تُؤَاخِذْنَا إِنْ نَسِينَا أَوْ أَخْطَأْنَا رَبَّنَا وَلا تَحْمِلْ عَلَيْنَا إِصْراً كَمَا حَمَلْتَهُ عَلَى الَّذِينَ مِنْ قَبْلِنَا رَبَّنَا وَلا تُحَمِّلْنَا مَا لا طَاقَةَ لَنَا بِهِ وَاعْفُ عَنَّا وَاغْفِرْ لَنَا وَارْحَمْنَا أَنْتَ مَوْلانَا فَانْصُرْنَا عَلَى الْقَوْمِ الْكَافِرِينَ

سورة البقرة: ٢٨٦

**«Эй Парвардигори мо! Агар фаромӯш намудем ё хато кардем, моро бозхост макун. Эй Парвардигори мо! Бар дӯши мо бори гаронро магзор, чунон ки онро бар дӯши касоне, ки пеш аз мо буданд, гузоштӣ. Эй Парвардигори мо! Он чиро, ки тоқати таҳаммулашро надорем, бар дӯши мо магзор ва аз мо даргузар ва моро биёмурз ва ба мо раҳм кун. Ту мавлову сарвари мо ҳастӣ, пас моро бар гурӯҳи кофирон пирӯз гардон».** (Сураи Бақара: 286).

رَبَّنَا لا تُزِغْ قُلُوبَنَا بَعْدَ إِذْ هَدَيْتَنَا وَهَبْ لَنَا مِنْ لَدُنْكَ رَحْمَةً إِنَّكَ أَنْتَ الْوَهَّابُ

سورة آل عمران: ٨).

**«Эй Парвардигори мо! Пас аз он, ки моро ҳидоят намудӣ, дилҳоямонро каҷу мунҳариф магардон ва аз ҷониби худ раҳмате ба мо ато кун, ҳамоно Ту бисёр бахшояндаӣ».** (Сураи Оли Имрон: 8).

رَبِّ هَبْ لِي مِنْ لَدُنْكَ ذُرِّيَّةً طَيِّبَةً إِنَّكَ سَمِيعُ الدُّعَاءِ

سورة آل عمران: ٣٨

**«Эй Парвардигори ман! Аз ҷониби худ фарзанди покизае ба ман ато кун, ҳамоно Ту шунавандаи дуоӣ».** (Сураи Оли Имрон: 38).

رَبَّنَا اغْفِرْ لَنَا ذُنُوبَنَا وَإِسْرَافَنَا فِي أَمْرِنَا وَثَبِّتْ أَقْدَامَنَا وَانْصُرْنَا عَلَى الْقَوْمِ الْكَافِرِينَ

سورة آل عمران: ١٤٧

**«Эй Парвардигори мо! Гуноҳонамонро биёмурз ва аз зиёдаравии мо дар корамон даргузар ва қадамҳоямонро устувор бидор ва моро бар гурӯҳи кофирон пирӯз гардон».** (Сураи Оли Имрон: 147).

رَبَّنَا ظَلَمْنَا أَنْفُسَنَا وَإِنْ لَمْ تَغْفِرْ لَنَا وَتَرْحَمْنَا لَنَكُونَنَّ مِنَ الْخَاسِرِينَ

سورة الأعراف: ٢٣

**«Эй Парвардигори мо! Мо ба худ ситам кардем ва агар моро наёмурзӣ ва ба мо раҳм накунӣ, ҳатман аз зиёнкорон хоҳем буд».** (Сураи Аъроф: 23).

رَبَّنَا لا تَجْعَلْنَا مَعَ الْقَوْمِ الظَّالِمِينَ

سورة الأعراف: ٤٧

**«Эй Парвардигори мо! Моро бо гурӯҳи ситамкорон қарор мадеҳ».** (Сураи Аъроф: 47).

رَبَّنَا لَا تَجْعَلْنَا فِتْنَةً لِلْقَوْمِ الظَّالِمِينَ

سورة يونس: ٨٥

**«Эй Парвардигори мо! Моро фитнае барои гурӯҳи ситамкорон магардон».** (Сураи Юнус: 85).

وَنَجِّنَا بِرَحْمَتِكَ مِنَ الْقَوْمِ الْكَافِرِينَ

سورة يونس: ٨٦

**«Ва моро ба раҳмати худ аз гурӯҳи кофирон наҷот бидеҳ».** (Сураи Юнус: 86).

رَبَّنَا آتِنَا مِنْ لَدُنْكَ رَحْمَةً وَهَيِّئْ لَنَا مِنْ أَمْرِنَا رَشَداً

سورة الكهف: ١٠

**«Эй Парвардигори мо! Раҳмате аз ҷониби худ ба мо ато кун ва бароямон дар**

**корамон роҳёбӣ ва растагориро фароҳам фармо».** (Сураи Каҳф: 10).

رَبِّ اجْعَلْنِي مُقِيمَ الصَّلاةِ وَمِنْ ذُرِّيَّتِي رَبَّنَا وَتَقَبَّلْ دُعَاءِ

سورة إبراهيم: ٤٠

**«Эй Парвардигорам! Ман ва фарзандонамро барподорандагони намоз гардон. Эй Парвардигори мо! Дуоямро бипазир».** (Сураи Иброҳим: 40).

قَالَ رَبِّ اشْرَحْ لِي صَدْرِي ۝ وَيَسِّرْ لِي أَمْرِي ۝ وَاحْلُلْ عُقْدَةً مِنْ لِسَانِي

سورة طـه: ٢٥ ـ ٢٧

**«Гуфт: Эй Парвардигорам! Синаамро бароям кушода гардон ва корамро бароям осон намо ва гиреҳ аз забонам бикушой».** (Сураи Тоҳо: 25 - 27).

رَبِّ زِدْنِي عِلْماً

سورة طـه: ١١٤

**«Эй Парвардигорам! Ба илму донишам бияфзой».** (Сураи Тоҳо: 114).

لَا إِلَهَ إِلَّا أَنْتَ سُبْحَانَكَ إِنِّي كُنْتُ مِنَ الظَّالِمِينَ

سورة الأنبياء: ٨٧

**«Ҳеҷ маъбуде бар ҳақ ҷуз Ту нест. Ту поку муназзаҳӣ. Ҳамоно, ман аз ситамкорон будам».** (Сураи Анбиё: 87).

وَقُلْ رَبِّ أَنْزِلْنِي مُنْزَلاً مُبَارَكاً وَأَنْتَ خَيْرُ الْمُنْزِلِينَ

سورة المؤمنون: ٢٩

**«Ва бигӯ: Эй Парвардигорам! Маро дар макони пурхайру баракате фуруд овар ва Ту беҳтарин фурудоварандаӣ».** (Сураи Мӯъминун: 29).

وَقُلْ رَبِّ أَعُوذُ بِكَ مِنْ هَمَزَاتِ الشَّيَاطِينِ

سورة المؤمنون: ٩٧

**«Ва бигӯ: Эй Парвардигорам! Ман аз васвасаҳои шайтонҳо ба Ту паноҳ мебарам».** (Сураи Мӯъминун: 97).

وَأَعُوذُ بِكَ رَبِّ أَنْ يَحْضُرُونِ

سورة المؤمنون: ٩٨

**«Эй Парвардигорам! Аз ин ки онҳо назди ман ҳозир шаванд, ба Ту паноҳ мебарам».** (Сураи Мӯъминун: 98).

رَبِّ هَبْ لِي حُكْماً وَأَلْحِقْنِي بِالصَّالِحِينَ

سورة الشعراء: ٨٣

**«Эй Парвардигорам! Ба ман ҳикмату дониш бубахш ва маро ба солеҳон бипайванд».** (Сураи Шуаро: 83).

رَبِّ نَجِّنِي مِنَ الْقَوْمِ الظَّالِمِينَ

سورة القصص: ٢١

**«Эй Парвардигорам! Маро аз гурӯҳи ситамкор наҷот бидеҳ»**. (Сураи Қасас: 21).

رَبَّنَا هَبْ لَنَا مِنْ أَزْوَاجِنَا وَذُرِّيَّاتِنَا قُرَّةَ أَعْيُنٍ وَاجْعَلْنَا لِلْمُتَّقِينَ إِمَاماً

سورة الفرقان: ٧٤

**«Эй Парвардигори мо! Ҳамсарону фарзандоне ба мо ато фармо, ки мояи равшании чашмҳо бошанд ва моро пешвои парҳезгорон бигардон».** (Сураи Фурқон: 74).

رَبِّ أَوْزِعْنِي أَنْ أَشْكُرَ نِعْمَتَكَ الَّتِي أَنْعَمْتَ عَلَيَّ وَعَلَى وَالِدَيَّ وَأَنْ أَعْمَلَ صَالِحاً تَرْضَاهُ وَأَدْخِلْنِي بِرَحْمَتِكَ فِي عِبَادِكَ الصَّالِحِينَ

سورة النمل: ١٩

**«Эй Парвардигори ман! Ба ман илҳом бидеҳ, то шукри неъматеро, ки ба ман ва**

**падару модарам ато кардаӣ, ба ҷой оварам ва корҳои шоистае анҷом диҳам, ки Ту аз он хушнуд шавӣ ва маро ба раҳмати худ дар шумори бандагони шоистаат даровар».** (Сураи Намл: 19).

رَبَّنَا اصْرِفْ عَنَّا عَذَابَ جَهَنَّمَ إِنَّ عَذَابَهَا كَانَ غَرَاماً

سورة الفرقان: ٦٥

**«Эй Парвардигори мо! Азоби ҷаҳаннамро аз мо бигардон, ба ростӣ азобаш (сахту) пойдор аст».** (Сураи Фурқон: 65).

Аз Аллоҳ таъоло мехоҳем, ки аз мо қабул кунад, зеро Ӯ шунавову доност.